**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)**

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзӯи "Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Раванди саноатикунони ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти ҳар як маамлакат нақши муҳимро мебозад ва яке аз омилҳои муҳими низоми иқтисодӣ башумор меравад, ки рушди имкониятҳои технологӣ ва самаранокии истеҳсолоти соҳи кишоварзиро муайян менамояд. Истеҳсолот бо мақсади амалигардонӣ ва такроруистеҳсолкунии дигар соҳаҳои мухталиф ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти милли саҳми калонро доро мебошад. Дар раванди ташкили корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти он боис мегардад, ки техникаю технологияи пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи нави истеҳсолӣ, ҷойҳои нави корӣ бавуҷуд оянд. Ташкули раванди истеҳсолот рушд ва иқтидори содироти мамлакат, истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникаю технологияи пешқадами инноватсионӣ, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот баланд гардонида шавад.

Дар автореферат қайд карда мешавад, ки масъалаи муҳим барои иқтисодиёти кишвар ва таъмини талаботи мардум бо маҳсулоти асоси, коркадру саноатикунонии лаблабуи қанд ба роҳ мондани истеҳсоли шакар дида баромада шавад. Дар шароити имрӯз амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз буда талабот ба маҳсулоти хурокворӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Инчунин, истеҳсоли ин навъи маҳсулоти хурокворӣ сад дарсад аз ҳисоби воридот аз хориҷи кишвар мебошад, ки вобастагии истеҳсолоти моро аз дигар давлатҳои воридкунандаи молу маҳсулот афзоиш медиҳад. Аз ин лиҳоз муалиф масъалаи мубрами рӯзро, ки равандҳои истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад мавриди таҳлил қарор додааст.

Муалиф дар автореферати диссертатсияи худ масъалаҳои асосии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қандро дида баромада, манфиятҳои иқтисодии онро омухтааст, ки чунинанд:

- истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ҳамчун маҳсулоти асосии ниёзи мардум;

- маҳсулотҳои иловагӣ, ки ҳамчун хуроки серғизо ва ширадор барои соҳаи чорводорӣ истифода мегардад;
- истифодаи боқимондаҳои истеҳсолот ҳамчун воситаи гардон дар соҳаи кишоварзӣ;
- ташкили корхонаҳои дигари истеҳсоли барои коркарди маҳсулоти иловагӣ.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, дар автореферати диссертатсия як қатор ҷиҳатҳои манфӣ низ ҷой доранд, аз онҷумла:

1. Дар матни автореферати диссертатсия муаллиф диққати асосиро ба хусусиятҳои омузиши шакар равона сохтааст. Хуб мегардид, ки дар раванди омӯзиши лаблабуи қанд, бештар масъалаҳо дида баромада мешуданд.
2. Дар автореферати диссертатсия ҷанбаъҳои назарявӣ, ки албата барои кори илми лозиманд, зиёдтар мебошад. Хуб мегардад, ки дар вакти омӯзиши масъалаҳои иқтисодию истеҳсолӣ таҳлилҳо бештар нишон дода шаванд.
3. Албат аз рафти таҳлили маълум мегардад, ки муаллиф дар амалия низ бо рафти истеҳсол ва парвариши лаблабуи қанд бисёр муфид сару кор карда баромадааст. Аммо андешаҳои муалиф дар бораи табобатбахшии маҳсулот ва манфиятоварии он исботро низ металабад.

Бовуҷуди ин, пешниҳодҳои додашуда автореферати диссертатсияи мазкур бениҳоят мубрам буда дар шакли хуби илмӣ навишта шудаст.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзӯи “Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ба ҳаммаи талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муалифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба илм ва
робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Шаропов Ф.Р.

ш. Душанбе, кӯчаи
Деҳотӣ, 1/2.
e-mail: farkhod79@mail.ru

Имзои Шаропов Ф.Р.
Тасдиқ мекунад
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ